# ТАҚРИЗ

## ба автореферати диссертатсияи Шукурзода Фарҳодҷон Манон дар мавзуи «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст

Дар илми сивилистикаи муосир яке аз ҷабҳаҳои институтсионалии омӯхташавандаро масоили воситаҳои маданӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқҳои субъективӣ ташкил менамояд, ки дар доираи он таҳқиқоти гуногунсатҳ ба сомон расонида шудаанд.

Воситаи маданӣ-ҳуқуқӣ ҳамчун олати ҳуқуқие дониста мешавад, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оварда шуда, бо истифода аз он маҷмуи амалҳои аҳаммияти ҳуқуқӣ ва воқеидошта танзим мегарданд. Бо ҳамин ҳадафҳои дар назди субъекти ҳуқуқи маданӣ (қабул ва ё пешниҳоди амвол, қабул ва пардохти воситаҳои пулӣ ва ғайра) қароргирифта ҳалли худро меёбад.

Таҳлили воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки робитаи мутақобилаи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва воситаҳои дар он таҷассумёфта дида баромада шаванд. Аз як тараф, меъёрии ҳуқуқӣ хосият ва ченакҳои воситаи ҳуқуқиро муайян месозанд. Муаллиф ба ченакҳои номбурда инҳоро дохил кардааст:

- ченак вобаста ба намуди воситаи ҳуқуқӣ ва мақсади истифода шудани он (воситаи номбурда бо кадом мақсад истифода мегардад);
- шахсоне, ки ин воситаи ҳуқуқиро мехоҳанд истифода баранд;
- тарзу усулҳои истифода намудани воситаи ҳуқуқӣ (саҳифаи 19).

Дар баробари ин, бо инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ низ хеле инкишофу дигаргун шуданд ва шаклҳои нави ба талаботи имрӯзаи ҷомеа ҷавобгӯ пайдо гаштаанд. Табиати инсон чунин аст, ки барои ба ҳам овардани тарафҳои ҳама гуна муноқиша, аз ҷумла баҳсҳо, таъсиру кӯмаки тарафи сеюм (тарафи беғараз)-ро зарур медонад. Шахси сеюм, бояд тарафҳоро ба оштӣ биёрад ва масъалаҳоеро, ки мавриди баҳс қарор гирифтаанд, онҳоро бо дарназардошти манфиати тарафҳо ва қонунияту адолат ҳал намояд.

Бо ин мақсад роҳҳои гуногуни алтернативии баррасию ҳаллу фасли ин баҳсҳо ба вуҷуд доранд, ки онҳо механизми муҳимми таъминкунандаи ҳалли баҳсҳо мебошанд.

Дар Тоҷикистон масъалаи асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар ҳуқуқи мадании ватанӣ ба таври мушаххас таҳқиқ нашудааст. То имрӯз ягон таҳқиқоти монографии аз ҷониби олимони тоҷик пурра ба ин мавзуъ бахшидашуда, вуҷуд надорад. Аксаран, омӯзиши масъалаи судҳои ҳакамӣ дар заминаи баррасии амалҳои ҳуқуқие, ки қонун вобаста ба зарурати ин воситаи алтернативии ҳалли баҳсҳо танзим кардааст, сурат мегирад. Дар ин замина олимон ҳангоми тадқиқоти илмии падидаи баррасишаванда асосан ба ҳолатҳои

мушаххасе диққат додаанд, ки барои ташкил ва фаъолияти судҳои алтернативии ҳалли баҳс равона гардидаанд, яъне ҳадафи истеҳсолоти суди ҳакамӣ барои баррасӣ ва ҳалли баҳсҳо оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ мебошад ва аз ин лиҳоз чун истеҳсолоти даъвогӣ арзёбӣ мегардад. Ба ҳамин хотир, барои истеҳсолоти суди ҳакамӣ истилоҳҳои даъво, даъвогар, ҷавобгар, воситаи даъвогии ҳимояи ҳуқуқ хос буда, баррасии суди ҳакамӣ ба мурофиаи маданӣ наздик дониста мешавад (саҳифаи 21).

Андешаи болозикр бозгӯйи он мебошад, ки диссертант дар доираи ғояи илмии мавҷуда, қонунгузории амалкунанда ва таҷрибаи илмии хориҷӣ таҳқиқотро дар сатҳи комил ба анҷом расонидааст. Метавон иброз намуд, ки таҳқиқот дар замони муосир дар амалияи татбиқи амалии ҳадафҳои қонунгузории мадании мамлакат мубрам аст.

Аз таҳлили мукаммали масъалаҳои дар автореферат баррасигардида ба хулоса омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот низомнок ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботи мавҷударо фарогир буда, натиҷаи пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки диссертант вазифаҳои гузошташударо иҷро намуда, нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии асоснокро ҷиҳати рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва ташаккули қонунгузории самти мазкур пешкаш намудааст, ки аз сатҳи баланди илмӣ доштани он гувоҳӣ медиҳад.

Қобил ба зикр аст, ки натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур на танҳо аҳаммияти назариявӣ доранд, балки дар амалия низ мумкин аст, ба таври васеъ истифода гарданд. Аз моҳияти интишороти муаллиф, ки 13 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 адади онҳоро дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақоларо дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст, бармеояд, ки муаллифи диссертатсия дар самти масъалаҳои мухталифи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ корҳои илмии арзишмандро анҷом додааст, кӣ натиҷаи онҳоро метавон дар самтхои алоҳидаи илми ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла илми ҳуқуқи маданӣ истифода намуд.

Натиҷаҳои таҳқиқҳои довталаби дараҷаи илмӣ дар як қатор конференсияҳои сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ нашри худро ёфтаанд, ки ҳолати мазкур гувоҳи инъикоси ҳамаҷонибаи моҳият ва мақсади натиҷаҳои таҳқиқот мебошад. Таҳлили автореферати диссертатсияи Шукурзода Фарҳодҷон Манон дар мавзуи «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» нишон медиҳад, ки таҳқиқоти илмӣ дар асоси маъхазҳои эътимодноки ватанӣ ва хориҷӣ анҷом дода шудааст.

Дар баробари ҷабҳаҳои мусбат, инчунин андешаҳои ба назар мерасанд, ки баҳснок мебошанд, аз он ҷумла, диссертант дар саҳифаҳои 25-26-уми автореферат зикр менамояд, ки «Ба андешаи муаллифи

диссертатсия, дигар масъалаи мубрам масъалаи таҷдид ва азнав ташкил гардидани суди ҳакамӣ аз рӯйи он қоидаҳое, ки қонунгузории маданӣ нисбати шахси ҳуқуқӣ пешбинӣ намудааст, ташкил медиҳад. Бояд ишора намуд, ки маънои суди ҳакамӣ чун ташкилоти шахси ҳуқуқӣ набуда, як зумра оқибатҳоро дар назар дорад». Бо ҳамин тартиб нисбат ба масъалаи мазкур истода намегузарад ва ё мавқеи худро низ мушаххасан мустаҳкам накардааст. Бо ин назардошт, аз довталаби дараҷаи илмӣ пурсида мешавад, ки нисбати ҳолати мазкур мавқеи илмии худро дар ҳимояи ошкорои диссертатсия мушаххас намояд.

Мулоҳизаҳои мазкур ҳангоми баҳодиҳии мусбати автореферати диссертатсия нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо инъикоскунандаи он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳснока нд. Мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсияи Шукурзода Фарҳодҷон Манон дар мавзуи «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи
мадании факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Қосимзода Ф.А.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кӯчаи Шамсӣ 23/6 х 58,
**Тел:** (+992) 711 40 10 10,
**Email:** kasimovfarrukh1@gmail.com

**Имзои** Қосимзода Ф.А.- ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17
Тел: (+992-37) 221-62-25, Email: info@tnu.tj
«28» 05 2026 с.